**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзӯи “Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Дарёфти моҳияти баробарии иҷтимоӣ аз давру замонҳои қадим яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи инсонӣ маҳсуб меёбад ва то имрӯз мубрамияти хешро гум накарда, балки бо тақозои замон инсонро водор месозад, ки дар баробари ибрози андешаҳояш барои ба амал ҷорӣ кардани он кӯшиш намояд. Ҳамин ҳукм буд, ки аз даврони бостонӣ дар андешаҳои диниву фалсафии минтақаҳои мухталифи ҷаҳон вобаста ба шароиту муҳити зиндагонии мардум масъалаи баробарии иҷтимоӣ мубрамият пайдо кардаву ба андешаҳои ормонии онҳо табдил ёфтааст. Махсусан, дигаргуниҳои босуръати замони муосир ва раванди ҷаҳонишавии кишварҳо дар тамоми ҷодаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодиву сиёсӣ ҳар як фарди ҷомеаро водор месозад, ки ормонҳои баробариву адолатгустариву адолатпазириро ҳамчун арзишҳои муҳими маънавии ҳифз ва амалӣ созад.

Бинобар ин баррасии масъалаи “Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик” аз тарафи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар замони муосир саривақтӣ буда, барои дарёфти андешаҳои нави татбиқшаванда дар ҷомеа хеле муассир мебошад. Рисолаи мазкур аз ду боб ва шаш зербобҳо, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишорот аз рӯйи мавзуи рисола иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия андешаҳо ва таҳқиқоти гузаронидаи диссертант аз ҷиҳати мантиқӣ бонизом буда, бештари нуктаҳо доир ба баробарии иҷтимоӣ асоснок карда шудаанд. Таносуби “баробарӣ” ва “озодӣ” дар автореферати диссертатсия мафҳумҳои

меҳварӣ маънидод гардида, ҳамчун "муайянкунандаи адолат дар ҷомеаи инсонӣ" мешавад. Инчунин диссертант қоим аст, ки "баробарӣ", "озодӣ" ва "адолат" мафҳумҳои мутлақ набуда, балки хусусияти нисбӣ доранд. Ин андешаҳо водор намудааст, ки минбаъд дар муайянсозии "баробарии иҷтимоӣ" дар фасли якум мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Инчунин дар боби дуюм диссертант масъалаи "баробарии иҷтимоӣ"-ро дар фалсафаи машшоия, калом, исмоилия ва тасаввуф ва намояндагони ин мактабҳо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар баробари ин диссертант тавонистааст андешаҳояшро асоснок намояд.

Дар автореферати диссертатсияи номзадии Салимов А.И. боз як қатор андешаҳои ҷолиб баён гаштаанд, ки тасаввуроти моро оид ба баробарии иҷтимоӣ васеъ мегардонад. Баробари ин бояд таъкид намуд, ки рисолаи ба анҷом расонидашуда аз баъзе норасоиҳо холӣ нест, ки он аз нуктаҳои зерин иборат аст:

1. Боби якуми рисола "Баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ ҳамчун категорияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва инъикоси онҳо дар таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикони бостон" номгӯи шудааст. Ба андешаи мо дар ин боб мафҳуми "таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикони бостон" каме аз ҷиҳати мантиқӣ коста метобад, хубтар мебуд, агар онро ба мафҳуми "таълимоти динӣ ва фалсафии бостони тоҷик" иваз кард. Дар зербоби дуюми ҳамин боб мафҳуми "таълимоти динӣ ва фалсафии бостонии тоҷик" омадааст.

2. Автореферати диссертатсия аз камбудиҳои техникӣ орӣ нест, бинобар ин ба ин масъала аҳамияти хосаи диссертант тақозо мешавад.

Камбудиҳои дар боло зикршуда хислати тавсиявӣ дошта арзишмандии таҳқиқоти диссертатсионии Салимов А.И.-ро коҳиш намедиҳад.

Дар ҷамъбаст зикр намудан лозим аст, ки аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он мебошад, ки хулосаҳои

таҳқиқотро метавон, ҳангоми таҳияи барномаю стратегияҳо, консепсияи рушди сиёсии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба инобат гирифт.

Маводи диссертатсияро ҳамчунин метавон ҳангоми таълими курсҳои таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, таълими курсҳои махсус истифода кард.

Дар фишурдаи рисолаи номзадии Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзӯи "Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03– таърихи фалсафа ба талаботе, ки КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба тадқиқоти диссертатсионӣ мегузорад, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба унвони номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои фалсафа, профессори**
**кафедраи ҷомеашиносии МДТ**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
**дар шаҳри Ҳуҷанд** **Мирбобоев М.Қ.**

**Имзои профессор Мирбобоев М.Қ.-ро тасдиқ менамоям:**
**Мудири Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ ДИС ДДТТ дар шаҳри Ҳуҷанд** **Маҳмудов Ш.У.**

3.11.2023